***ТДУ 002***
***DOI:10.51844-2077-4990-2023-1-217-222***

***СОХТОР, МУҲТАВО ВА УСУЛҲОИ ТАСНИФИ «МУНТАХАБ-УТ-ТАВОРИХ»***

***Султонова Адиба Ҷалиловна****, унвонҷӯи кафедраи адабиёти муосири тоҷики МДТ "ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***СТРУКТУРА, СОДЕРЖАНИЕ И МЕТОДЫ КЛАССИФИКАЦИИ "МУНТАХАБ-УТ-ТАВОРИХ"***

***Султонова Адиба Джалиловна****, соискатель кафедры современной таджикской литературы ГОУ "ХГУ имени академика Б.Гафурова" (Таджикистан, Худжанд)*

***STRUCTURE, CONTENT AND METHODS OF CLASSIFICATION OF"MUNTAHAB-UT-TAWORIH"***

***Sultonova Adiba Jalilovna,*** *claimant for candidate degree of the Department of modern Tajik literature of SEI "Khujand State University named after acad.B. Ghafurov" (Tajikistan, Khujand),**E-mail:** sultonova.adiba1510@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *Муҳаммад Ҳакимхон, «Мунтахаб-ут-таворих», сарчашмаи адабӣ, мӯҳтаво, сохтор, усулҳои тасниф*

*Мақола ба баррасии сохтор, муҳтаво ва усулҳои таснифи яке аз сарчашмаҳои адабиёти форсу тоҷик- «Мунтахаб-ут-таворих»-и Муҳаммад Ҳакимхон ихисос ёфтааст. Қайд мешавад, ки ин таърихнома ба таври мухтасар ба баёни таърихи ҷаҳон аз замони хилқати Одам то замони нигориши китоб мепардозад. Муҳтавои он дар 5 боб гунҷонида шуда, боби аввали асар роҷеъ ба таърихи пайғамбарони тоисломӣ, боби дувум оид ба шоҳони қаблазисломии Эрон, боби сеюм дар бораи шоҳони Чину Фаронса маълумот медиҳад. Боби чаҳоруми « Мунтахаб-ут-таворих» оид ба таърихи Умавиён ва Аббосиён, боби 5 доир ба таърихи давлатҳои Сaффориён, Сомониён, Ғазнавиён, Салҷуқиён, Хоразмшоҳиён, Чингизиён, Темуриён, Шайбониён, Аштархониён ва Маиғития таълиф шудааст. Дар "Мунтахаб-ут-таворих" аз шеваҳои таърихнигорӣ: таърихи умумӣ, таърихи маҳаллӣ ва ёддоштнависӣ истифода шудааст. Асар инчунин оид ба сафарҳои муаллиф, воқеаҳои таърихии хонигари Қӯқанд дар асри XIX маълумоти пурқимат медиҳад.*

***Ключевые слова:*** *Мухаммад Хакимхан, «Мунтахаб-ут-таварих», литературный источник, содержание, структура, принципы классификации*

*Статья посвящена обзору структуры, содержания и методов классификации одного из источников персидско-таджикской литературы - «Мунтахаб-ут-таварих» Мухаммад Хакимхана. Отмечается, что данный исторический источник кратко охватывает историю мира от времён сотворения Адама до времени, когда была написана эта книга.Его содержание разделено на 5 глав, первая глава работы посвящена истории доисламских пророков, вторая глава – о доисламских царях Ирана, а третья глава – о царях Китая и Франции. В четвертой главе «Мунтахаб-ут-таварих» описывается история Омейядов и Аббасидов, а пятая глава написана по истории государств Сафавидов, Соманидов, Газневидов, Сельджуков, Хорезмшахов, Чингизидов, Тимуридов, Шайбанидов, Аштарханидов и Мангытов. В «Мунтахаб-ут-таварих» используются методы историографии: всеобщая история, краеведение и мемуары. В работе также содержится ценная информация о путешествиях автора, исторических событиях и т. д. В книге «Мунтахаб-ут-таварих» используются такие методы изложения истории, как всеобщая история, краеведение и мемуары.*

***Key words:*** *Muhammad Hakimkhan, "Muntahab-ut-tavarikh", literary source, content, structure, methods of classification*

*The article describes the structure, content and methods of classification of one of the sources of Persian-Tajik literature - "Muntahab-ut-tavarikh" by Muhammad Hakimkhan. It is noted that this historical source briefly covers the history of the world from the time of the creation of Adam to the time when this book was written. Its content is divided into 5 chapters. The first chapter of the work is devoted to the history of pre-Islamic prophets, the second chapter is about the pre-Islamic kings of Iran, and the third chapter is about the kings of China and France. The fourth chapter of "Muntahab-ut-tawarikh" is written on the history of the Umayyads and Abbasids, and the fifth chapter is written on the history of the states of the Safavids, Somanids, Ghaznavids, Seljuks, Khorezmshahs, Genghisids, Timurids, Shaybanids, Ashtarkhanids and Mangits. Muntahab-ut-tawarikh uses the methods of historiography: general history, local history and memoirs. The work also contains valuable information about the author's travels, historical events of the Kokand Khanate of the 19th century.*

Муҳаммад Ҳакимхон муаллифи "Мунтахаб-ут-таворих" дар ягон ҷои асараш таърихи таълифи онро қайд накардааст. Дар охирин нусхае, ки дастраси мост дар соли 1260 ҳ. дар шаҳри Китоб китобат карда шудани асар қайд карда шудааст. Худи асар бошад, бо тасвири воқеаҳои сиёсии соли 1259ҳ./1843м. ба охир мерасад. Аз ин ҷо, ба чунин хулосае омадан мумкин аст, ки "Мунтахаб-ут-таворих" соли 1259ҳ./1843м. ба забони форсии тоҷикӣ дар шаҳри Китоб навишта шудааст. Замимаи асар дар охири соли 1844 ва аввали соли 1845 ба вуҷуд омадааст. Ҳамчунин тарҷумаи мухтасари ин китоб ба забони ӯзбекӣ мавҷуд буда, дар захираи дастхатҳои АФ Ҷумҳурии Тоҷикистон зери шумораи 594 нигаҳдорӣ мешавад. Аз тасвири мушаххаси тафсилоти саёҳати муаллиф маълум мешавад, ки бахши аъзами асар ва хотироти сафари муаллиф дар аснои сафар навишта шуда, баъдан ба шакли китоби алоҳида гирдоварӣ шудааст.

"Мунтахаб-ут-таворих" таърихи ҷаҳонро аз замони офариниши Одам то замони таълифи китоб ба таври мухтасар фаро гирифта, аз 5 боб ва 12 тоифа иборат аст. Дар ин бора Муҳаммад Ҳакимхон дар муқаддимаи китоб чунин ишорат кардааст: "Ва ин мунтахабро ба панҷ бобу дувоздаҳ тоифа эрод кунем. Иншооллоҳу биллоҳилтавфиқ" [7,с.2 б].

Асари мазкур бо муқаддимаи кӯтоҳе оғоз мегардад, ки дар он муаллиф сабаби таълифи китобро бад-ин гуна шарҳ медиҳад: "...Аммо баъд ин ҳақири зовияи хумулу гумномӣ ва саргаштаи бодияи меҳнату нокомӣ Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳакимхон валади Сайид Маъсумхон-махдум Аъзамӣ ба забони шикастабаён чунин месарояд, ки аз замони Одам то ба Ҳотам ва аз Ҳотам то ба ин дам вақоее, ки дар кутуби таворих мастур аст, ба хотир расид, ки интихоб намуда ояд, то мустамеонро гарди малол бар домани хотир роҳ наёбад. Биноан алайҳи бовуҷуди адами иститоат ва қиллати бизоат бар сабили эҷоз ва ихтисор шурӯъ рафт. Байт:

***Мо худ ба гарди домани мардӣ намерасем,***
***Шояд, ки гарди домани марде ба мо расад.***

Ва ин маҷмуаи муаллафаро "Мунтахаб-ут-таворих" ном ниҳод ва мақсуд аз ин панду насиҳат ва эътибор аст, на истеҳзори қиссаву ахбор, то улилабсор бидонанд, ки ин ҳашмату мол ва неъмату иқбол аз бузургони бисёру судурони бешумор ёдгор мондааст. Ва эътимодро нашояд, бар фавти маҳбубиву неъмате ё ҳудуси макруҳе ва меҳнати мутолиаам нагарданд, чандрӯза муҳлатро ғанимат шумурда, аз даст надиҳанд ва онро сармояи бақои абадӣ ва василаи саодати сармадӣ донанд..." [8,с.1].

Муҳаммад Ҳакимхон, ки аз донишмандони рӯзгори хеш буда, роҷеъ ба таърихи адвори қадим ва замони худ, бахусус, таърихи хонигарии Хӯқанд мавод ва асноди фаровоне дар китоби худ овардааст, ки дар осори дигар ба чашм намерасад. Тартиби иҷмолии бобҳои китоб ба қарори зайл аст:

Боби аввал доир ба таъриху сияри пайғамбарон, яъне аз Ҳазрати Одам (а) то Муҳаммад (с) маълумот медиҳад. Муаллиф дар ин боб доир ба ҳукмронии Яъқуб ва писари вай Юсуфи Мисрӣ бештар таваққуф намуда, ривояти машҳури "Юсуф ва Зулайхо"-ро нақл мекунад. Муҳаммад Ҳакимхон инчунин дар идомаи маълумот перомуни таърихи сафари худ ба Миср, Канъон ва бо чашми худ дидани қабри Юсуф ва Зулайхо, шахсан бо андозагирӣ кардани он чоҳе , ки бародарон Юсуфро дар он андохта буданд, батафсил мулоҳизаронӣ кардааст.

Боби дуввум перомуни сулолаҳои Эрони қадим баҳс мекунад, ки фарогири чаҳор фасл аз қабили "Дар зикри аҳволи Пешдодиён", "дар зикри аҳволи Каёниён", "Дар зикри аҳволи Ашкониён" ва "Дар зикри Сосониён" аст. Боби сеюм бошад таърихи шоҳони Чин ва Фарангро фаро гирифтааст. Дар боби чорум роҷеъ ба рӯзгори чаҳор ёрон ва хулафои Рошидин, Уммавиёну Аббосиҳо иттилоъ мавҷуд аст. Боби панҷум фарогири таърихи сулолаҳое, ки аз давраи хилофати Аббосиён то миёнаҳои асри XIX ҳукмронӣ кардаанд, мебошад.

Дувоздаҳ тоифаи асар низ иҷмолан фарогири таъриху ҷуғрофиёи давлатҳои қадимае аз ҷумлаи Саффориён, Сулолаи Сомониён, Ҳукмронии Оли Бӯя, Ғазнавиён, Салҷуқиён, Салтанати шоҳони Хоразм, Давраи истилои муғул ва хонадони Чингизхон, Темуриён, Шайбониён, Аштархониён, Салтанати Манғития ва Мингҳо аст. Метавон гуфт, ки тоифаи дувоздаҳуми боби панҷум ҳаҷман бузург, яъне тақрибан нисф зиёди китобро фаро гирифта, ба таърихи хонигарии Хӯқанд ва давлатҳои ҳамҷавори он интисоб дорад. Ба таъбири дигар, қисми зиёди асар ба ҳукмронии амирони Манғит: амир Ҳайдар ва амир Насруллоҳ, амирони Хӯқанд: Олимхон, Умархон ва Муҳаммадалихон, инчунин ба тасвири сафари муаллиф ба Арабистон бахшида шудааст. Дар ин бахш муаллиф кӯшиш кардааст, ки вазъи шаҳру деҳот ва хулқу атвори мардумони дидаву мулоқот кардаашро муфассал баён созад.

Гузашта аз таърих ва ҷуғрофиё дар ҷомеаи бобҳову фаслҳои ин китоб аҳамияти махсусе ба қисасу ҳикоёт ва афсонаҳои таърихӣ ва маҳалли мутадовила дар он дода шудааст. Аммо муаллиф бо хоҳишу завқи хеш номи китоби худро "Мунтахаб-ут-таворих" ниҳодааст, на "Мунтахаб-ут-таворих вал қисас". Ин нукта, яъне таъкиди махсуси муаллиф ба ҷамеи воқеоти муътамади таърихиву маҳалли он асри худ яке аз мӯҷиботи аҳамияти ин китоб аст.

Муҳаммад Ҳакимхон баъди баргаштан аз сафар ба хидмати ҳеҷ ҳокиме майлу рағбат зоҳир накардааст. Бо ҳамин сабаб ӯ ин асарашро ба ҳокиме расман набахшида, танҳо хостааст, ки аз худ ёдгоре гузорад ва сабақеро аз ҳаёти худ ба мардум ёдоварӣ намояд.

Таърихнома чун асари фарогири саргузашт, ноқили ҳодисоту воқеоти рӯзгори пешин аз адвори хеле куҳан ба шаклҳои гуногун зуҳур намуда, гоҳо ба ҳайси илми мустақил ва гоҳи дигар ба сифати анвои осори мансур тавзеҳ ёфтааст.Бо назардошти фарогирии матолиб ва муҳтавиёти осори таърихӣ академик Носирҷон Салимӣ таърихномаҳоро дар ду даста табақабандӣ намудааст, ки ба қарори зайл мебошад:

Таърихномаҳои умумӣ, ки дар онҳо нигориши воқеаҳо аз оғози офариниш то замони муаллифи асар имтидод ёфтааст.

1. Таърихномаҳои хусусӣ, ки дар онҳо нигориши воқеаҳо дар доираи замон ва макони муайян сурат гирифта, баъзе лаҳзаҳои рӯзгори гузашта танҳо дар мавориди зарурӣ нақл мегардад [3,с.287].

Тибқи дастабандии шаклҳои мухталифи таърихнигории ин давра ба "Мунтахаб-ул-таворих"нигарем, маълум мешавад, ки муаллиф зимни таълифи асар аз шеваҳои таърихнигорӣ: таърихи умумӣ, таърихи маҳаллӣ ва ёддоштнависӣ истифода кардааст. "Мунтахаб-ут-таворих" ягона манбаест, ки дар давраи ҳукмронии Умархон ва Мадалихон таълиф гардидааст.

Аз ин хотир, метавон гуфт, ки "Мунтахаб-ут-таворих" яке аз ёдгориҳои ҷолиби таърихӣ ва ёддоштҳои адабии миёнаи асри XIX ба шумор меояд. Муаллифи китоб Муҳаммад Ҳакимхон бо вуҷуди ҷавон будан шахси мушоҳидакор ва фарохназар буд, ки ба доираи дарбор ворид шуда, русуму одоти замондорон ва муқаррабони ҷудогонаи дарборро ба хубӣ меомӯзад. Ӯ ба ҳайси як нафари таҳсилдидаву донишманди замони худ истеъдоди хориқуллодае дошт, ки ҳодисот ва воқеоти мавҷударо бо камоли равшанӣ дар асараш арзёбӣ намудааст. Бинобар ин, тасодуф нест, ки дар "Мунтахаб-ут-таворих" тамоми масоили мубрами рӯзгори он давра, таърихи як қатор мамолики Шарқ дар нимаи аввали асри XIX ва асосан, аморату хонигариҳои Мовароуннаҳр дар охири қарни XVIII ва ибтидои қарни XIX шарҳу тавзеҳ ёфтааст. Муаллиф дар мавриди ҳазфи китоби худ чунин гуфтааст: "Фақир ин ҷо давлат ва нисбати ду хонадонро баён мекунам, ки баъд аз Аштархонӣ бо инҳо расид, аввал Манғит, ки дар Бухоро салтанат мекунад, дуюм Минг дар Хӯқанд алҳол салтанат мекунад ва давлати Юзу Кенгасу ғайри дигарро дар замми ин ду давлат бар сабили иҷмол хоҳем баён кардан" [7,с.229].

Мусаллам аст, ки Юзҳо дар Ӯротеппа ва дудмони Кенгас дар шаҳри Китобу Шаҳрисабз салтанат доштанд. Аз ин рӯ, Муҳаммад Ҳакимхон мураттаб намудани солномаи таърихи Хӯқанд, Бухоро, Ӯротеппа ва бекигариҳои Шаҳрисабзро, ки бо онҳо пайванди авлодӣ дошт, вазифаи аввалияи худ медонист. Дар баробари ин, муаллиф қайд мекунад, ки дар "Мунтахаб-ут-таворих" таърихи вилоятҳои дигари Мовароуннаҳр (Ҳисору Қаротегин) ва ҳамчунин кишварҳои ҳамҷавор, ки бо Осиёи Марказӣ иртиботи танготанги иқтисодию сиёсӣ доштанд, акс ёфтааст. Муҳаммад Ҳакимхон ҷиҳати пурбор гардидани матолиби асараш бештар ба сарчашмаҳои аз нигоҳи мазмуну мундариҷа мутааддиду мухталифи таърихиву адабӣ ва фолклорӣ руҷӯъ кардааст. Ин ҷо бо назардошти аҳамияти ҷуғрофии асар матолиби дар ин мавзуъ тахсисёфтаи "Мунтахаб-ут-таворих" ба таври мухтасар мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирад.

Муҳаммад Ҳакимхон ҳангоми тасвири шаҳрҳо бештар бо сохти он, моводи бинокорӣ, касбу кори мардумони он ва алоқамандона ба ин ба обу ҳаво, об, зироат ва дарахту боғот таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Масалан, сохти биноҳо ва кӯчаҳои шаҳрҳои Русияи подшоҳӣ, ки бо зебоӣ ва озодагии худ аз шаҳрҳои асримиёнагии Мовароуннаҳр имтиёз ва маъруфияти бештар доштанд, ки дар меҳвари эътибори нависанда қарор гирифтааст. Муаллиф дар хусуси вилояти Шамайи Русия чунин нақл кардааст: "Алқисса фақир он вилоятро (Шамай А.С.) мушоҳида намудам, ангушти ҳайрат ба дандон газида, дар баҳри тафаккур фурӯ рафтам. Чунки он вилоят дар ғояти хубӣ ва зебоӣ буда ва дарёи азим аз ҷониби Чин меояд ва аз пеши он шаҳр мегузарад ва мардумон бо киштиҳо убур мекунанд... Хонаҳои он вилоятро аз чӯб сохтаанд, дар камоли сафол ва оинаҳои бузург ба ҷои дар насб карда, ба роҳи он дарбачаҳо кушодаанд ва тарҳи

вилоятро ҳашт дар ҳашт бино фармудаанд. Дар шоҳроҳи ӯ дар ҳеҷ ҷо каҷӣ надорад ва агар ...бошад, аз подшоҳӣ касе омада, он ҷоро хароб месозад ва соҳиби хонаро таъдиб мекунад. Бинобар ин аст, ки агар касе дар мамолики Урусия сад шаҳри бузургеро сайр кунад, як ҷо хонаи вайрона ва кӯчаи каҷ ба назар намеояд" [7,с.292 б.].

Ҷуз ин, Муҳаммад Ҳакимхон ҳамчун сайёҳ ба вазъи обу ҳаво ва набототи кишварҳои саёҳаткардааш низ таваҷҷӯҳ кардааст. Ӯ боз дар бораи ҳамон вилоят (Шамай) сухан ронда, дар ин хусус чунин менависад: "...Ва аммо дар бобати фавокиҳ ва ашҷор чунон холӣ буд, ки як шалғам аз байзаи анқо бақадртар... ва ҳавои он вилоят чунон сармо буд, ки об ях баста" [7,с.292 б].

Чизе дигар, ки дар сарзамини Русия диққати ӯро ба худ намудааст, тарзи ҳукуматдорӣ ва урфу одати он халқ аст. Масалан, ӯ мегӯяд: "Умуска (Омск) номи шаҳрест дар камоли бузургӣ ва ободӣ... Чаҳоррӯза роҳ, дур аст ва шаҳрҳои он ҷо ба ҳокими он вилоят тобеанд, ба губернотур иштиҳор дорад" [7,с.292].

Соҳиби китоб дар бораи расму оин ва эътиқоди динии мардуми ин шаҳр чунин маълумот медиҳад: " Ҳамон рӯз байрами эшон буд. Роҳибон дарҳои савмаарo кушода ва ноқусҳои бузургро дар садо оварда. Ҳама хурду бузург ва зану мард мунтазири губернотур буданд. Дар он ҳин ҳамон ҷавони барно (хизматгори губернатор-А.С.) аз пеши губернотур дар ғояти таъҷил ба пеши фақир омад ва гуфт: "Губернотур мефармоянд, ки имрӯз иди бузурги мост. Ба дайри худ даромада ду соат таъхир мекунем. Намоз мехонем, баъд ба хизматашон меравем. Дар кӯси худ бираванд ва моро ба хизмати шумо фиристоданд, ки хафа нашаванд, (ту ба пеш он бош)-и губернотур ба фақир расонид.

Аммо бо камоли изтироб мегуфт:" Афсӯс, ки имрӯз аз намози бузург мондам". Расми эшон буд, ки аҳли исломро ба бутхонаи худ роҳ намедоданд. Фақир аз ин бехабар аз бетоқатии он парирӯ фақирро гуфтам: Мо ҳам ҳамроҳи ту ба бутхона аз баҳри тамошо меравем.

Чун ин сухан аз фақир шунид, дар камоли хурсандӣ дар чустӣ сипандвор аз ҷой бархост, бар хизмати губернатор давид ва бар гӯши ӯ ин суханро гуфт. Губернотур бисёр хандид, мутаваҷҷеҳи қаср шуд ба пеши фақир омад, гуфт: Аз он ҷиҳат, ки шуморо дуст медорам ба дайри худ мебарам. Набошад расми мо нест, ки аҳли исломро ба савмааи худ барем, гуфт.

Танҳо фақирро аз дастам гирифт.Мутаваҷҷеҳи қаср шудем. Ҳама марду зане, ки наззор мекарданд, ангушти ҳайрат ба дандон газида мегуфтанд: Вазири подшоҳи урус ин шахсро бо ин дараҷа киромӣ медорад!?

Намедонистанд, ки расм ва қоидаи эшон ин буд, ки бузургзода аз вилояте ба мамлакати эшон ғариб афтод, ҳурмати ӯ ба эшон воҷиб мебудааст. Алқисса чун ба дари савмаа расидем ва дохили он дайри бузург шудем, дидам дар камоли вусъат ва рафъат ва бисёр зеб додаанд ва сурати бисёре аз тилло сохтаанд. Хусус сурати Исо, алайҳиссалом ва ҳазрати Марямро ва чаҳор фариштаи муқаррабро гуна аз тиллову ва ҷавоҳир бузург дар ғояти шабоҳат ба эшон тасвир кашидаанд, ки гӯё ба фаҳми кас сухан мекарда бошад. Ва чандин роҳибон либосҳои фохира ҳар гуна дар бар карда, чизе бо забони худ мехонанд. Умарои он вилоят ба як ҷониб саф задаанд. Сад бача бо забони худ бо овози хуш ба як мақом чунон Инҷил мехонданд, ки санг об мешавад. Гоҳ-гоҳ ҳамаи эшон сар ба саҷда мемонанд, ба дасти худ ишоратҳо мекунанд" [7,С.293 б-294 а].

Дар баробари ин, тавсифи кори савдо ва ободии бозору растаҳои шаҳрҳои саёҳаткардаи Муҳаммад Ҳакимхон дар китоб нуфузи бештар дорад. Ӯ дар кадом шаҳре, ки набошад тасвири раставу бозор, ободӣ ё харобии он шаҳрҳоро мукаммал тасвир кардааст.Ҷое дар бораи шаҳри Ирпут чунин мегӯяд: " баъд аз понздаҳ рӯз дар вилояти Ирпут расидам. Аз вилояти Шамай то он ҷо ба роҳи корвон думоҳа роҳ буд, ки мо ҳабдаҳ рӯз омадем. Дидем шаҳрест бисёр азамат ва бисёр обод ва аз ҳар иқлим туҷҷор мавҷуд. Хусус мардуми Мовароуннаҳр дидем, аз шодӣ ба пироҳан намеғунҷидем... Рӯзи дигар тафарруҷкунон берун хиромидам, дидам, шаҳре дар камоли назокат ва зебоӣ ва иморатҳои олӣ барпо сохтаанд дар камоли хубӣ ва растаҳои олӣ. Аз ду ҷониб дуконҳои муртафеъ сохтаанд. Дар ҳар дӯкон аз ҳар хубе матоъ пур... Яқини фақир ин аст, ки тамоми моли Мовароуннаҳрро ҷамъ кунанд ба як дӯкони ӯ баробарӣ нахоҳад кард [7,с.297а].

Маълумоти дар бораи релефи шаҳрҳо додаи муаллиф низ ҷолиби таваҷҷуҳанд. Чунончи дар ҷое менигорад:" Шаб дар ғояти дарозӣ ва рӯз дар камоли кӯтоҳӣ. Чунончи дар шаҳри Булғор, ки ҳоло хароб аст ва шаҳри Қазон обод, дар ҳавои тобистон ду кам панҷоҳ рӯз намози хуфтан намехонад, аз кӯтоҳии шаб. Ва шафақ фурӯ намеравад, ки офтоб тулӯъ мекунад. Инчунин Ирпут билакси ӯст" [7,с.312 б].

Ғайр аз ин, Муҳаммад Ҳакимхон дар бораи ободӣ ё харобии шаҳрҳо аз қалъаҳои дидааш низ маълумоти мушаххас додааст. Масалан, дар хусуси шаҳрҳои Канъон ва Табрез чунин маълумот медиҳад: "...Ва Канъон ҳоло хароб шудааст ва Табрез обод, дар ғояти хубӣ. Дар ин ҷо (Табрез-А.С.) ҳафт чашма, ки аз гармии ӯ даст месӯзад..." [7,с.312б].

Ҷои дигар дар бораи аз тарафи Темур оташ зада шудани шаҳри Шом сухан ронда мегӯяд: " ...Фақир дар санаи 1241/1825 ба чашми худ дидам, ки осори сӯхта дар иморатҳои бузург зоҳир аст" [7,с.55а].

Маълумоти дар хусуси санъати меъморӣ овардаи муаллиф низ қобили таваҷҷуҳ мебошанд. Ӯ иморатҳо ва шаҳрҳои зебоpo бо хурдтарин ҷузъиёти меъмориашон тасвир кардааст.

Аз ин бармеояд, ки вай санъати меъмориро хуб медонистааст. Тавсифи тамоми шаҳрҳои Русия, таърихи тахти подшоҳии Фатҳалишоҳи Эрон, қасри шоҳи Миср Муҳаммадалишоҳ ва ғайраро чунон моҳирона тасвир кардааст, ки ин аз маҳорати баланди дабирии Муҳаммад Ҳакимхон дарак медиҳад. Муаллиф яке аз биноҳои қасри Муҳаммадалишоҳро чунин ба риштаи тасвир кашидааст:

"...Ва дар пешгоҳи он қаср хонаест дар ниҳояти бузургӣ як тарафи он хонаро аз тилло сохтаанд, дар камоли шаффофӣ. Ва се ҷониби ӯро чунон мунаққаш кардаанд, ки дар умраш на Каён дидаасту на Беҳзод шунидааст.Ва як ҷониби девори ӯро аз санги мармар сохтаанд ва сурати дарахтро дар он санг кардаанд. Ба ҷои гул косаҳое аз санги мармар баровардаанд ва дар миёни он косаҳо обҳои ҷорӣ бозӣ мекард ва як қатра бар замин намеафтод. Ва дар миёни хона ҳавзе сохтаанд ва дар миёни ҳавз фаввора бино кардаанд, ки чун қади дилбарон об сар мекашид ва оби ҳавз на кам мешуд ва на зиёд. Ва сангҳои мармарро ба якдигар чунон пайванд кардаанд, ки гӯё аз як санг тарошида сӯҳон карда бошанд" [7,с.322а].

Дар ин қисми "Мунтахаб-ут-таворих" ғайр аз маълумоти фавқ, боз дар бораи аҷоиботи олам, ки муаллиф онҳоро бо чашмони худ дидааст, низ тасаввуроте пайдо кардан мумкин аст. Ӯ дар бораи рӯдҳои шаҳри Табрез сухан ронда, дар бораи онҳо чунин иттилоъ медиҳад:

"...Ва оби ӯ (Табрез-А.С.) латифтарин обҳост ва ҳамон рӯд аз замони Одам, алайҳиссалом то билвақт дар он бахр ҷорӣ мешавад ва тамоми обҳои кӯҳ низ он ҷо ҷамъ мешавад ва ҷои баромадани об маълум нест.Бо вуҷуди ин амр аҷиб аст, ки он як ангушт на кам мешавад ва на зиёд. Намедонанд, ки ҳикмат чист..." [7,с.312 б].

Ҳамин тариқ, «Мунтахаб-ут-тавоих»-и Муҳаммад Ҳакимхон ба таври мухтасар ба таърихи ҷаҳон аз замони хилқати инсон то замони нигориши китоб мепардозад. Муҳтавои он дар 5 боб гунҷонида шуда, боби аввали асар роҷеъ ба таърихи пайғамбарони тоисломӣ, боби дувум оид ба шоҳони қаблазисломии Эрон, боби сеюм дар бораи шоҳони Чину Фаронса маълумот медиҳад. Боби чаҳоруми « Мунтахаб-ут-таворих» оид ба таърихи Умавиён ва Аббосиён, боби 5 доир ба таърихи давлатҳои Саффориён, Сомониён, Ғазнавиён, Салҷуқиён, Хоразмшоҳиён, Чингизиён, Темуриён, Шайбониён, Аштархониён ва Маиғития таълиф шудааст. Дар "Мунтахаб-ут-таворих" аз шеваҳои таърихнигорӣ: таърихи умумӣ, таърихи маҳаллӣ ва ёддоштнависӣ истифода гардидааст. Асар инчунин оид ба сафарҳои муаллиф, воқеаҳои таърихӣ ва ғайра маълумоти пурарзиш медиҳад.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Каримов, У.Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри 18 ва аввали асри 19/У.Каримова.-Душанбе: Дониш, 1974.-187 с.
2. Қаюмов, А.Қӯқон адабий муҳити/А.Қаюмов.-Тошканд: Уз ССР ФАН, 1961.-359 с.
3. Салимов, Н. Марҳалаҳои услубӣ ва таҳаввули анвоъи наср дар адабиёти классикии форсу тоҷик (асрҳои IX—XIII)/Н.САлимов.-Хуҷанд, 2002.- 398 с.
4. Собрание восточных рукописей АН Уз.ССР/ под ред.А.А. Семенова Т.1.-Ташкент: Наука, 1952.-440 с.
5. Хотираҳои Муҳаммад Ҳакимхон дарбораи Русия(баргардонандааз ҳуруфи арабиасоситоҷикӣ ба кириллӣ, ба чоп ҳозиркунандаи матн, муаллифи муқаддима, луғатнома, феҳрист ва замима Ҷамолиддин Абдукаримов)/ Ҷ. Абдукаримов.-Хуҷанд: Ношир, 2013.- 104с.
6. Хуршут,Э.«Мунтахаб-ат-таварих» как источник по истории Средней Азии и сопредельных стран XVIII-XIX вв /Э.Хуршуд//Общественные науки в Узбекистане (ОНУ),984.-№7.-С.36-42.
7. Ҳакимхон, Муҳаммад .Мунтахаб-ут-таворих.Ба чоп ҳозиркунанда, муаллифи муқаддима ва таълиқот А. Мухторов.Иборат аз 2 ҷилд/М.Ҳакимхон.-Душанбе, 1983.-368 с.- Ҷ.1.

8. Ҳакимхон, Муҳаммад Мунтахаб-ут-таворих .Ба чоп ҳозиркунанда, муаллифи муқаддима ва таълиқот А. Мухторов. Иборат аз 2 ҷилд/М.Ҳакимхон.-Душанбе, 1985.-544 с.- Ҷ.2.
9. Ҳакимхон, Муҳаммад. Мунтахаб-ут-таворих.Ҷилди аввал.Тасҳеҳи Ё. Кавахара ва К.Хонеда. Муассисаи мутолеоти фарҳангҳо ва забонҳои Осиё ва Африқо.-Токио,2009.-666 с.

**REFERENCES:**

1. Karimov, U. Tajik literature in the second half of the XVII-th century and the beginning of the 19th century / U. Karimova. - Dushanbe: Donish, 1974. - 187 p.
2. Kayumov, A. Kokand literary circle / A. Kayumov. - Tashkent: Uz SSR, 1961. - 359 p.
3. Salimov N. Stylistic stages and evolution of prose types in classical Persian-Tajik literature (IX-XIII centuries). - Khujand, 2002.- 398 p.
4. Collection of oriental manuscripts AN Uz.SSR / under the editorship of A.A. Semenova. - V.1.- Tashkent: Publishing House AN Uz. SSR, 1952.-440 p.
5. The notes of Muhammad Hakimkhon about Russia (the transliteration from Persian into Cyrillic, compilation of texts, the introduction, glossary of terms, the list of references and the appendix are made by Jamoloddin Abdukarimov) / J. Abdukarimov.- Khujand: Noshir, 2013. -104 p.
6. Khurshut E. “Muntahab-at-tavarikh” as a source on the history of Central Asia and the neighboring countries of the XVIII-th – the XIX-th centuries // Public Sciences in Uzbekistan (ONU), 1984.-№7. - P. 36-42.
7. Hakimkhan, Muhammad. Muntahab-ut-Tawrih.Presenter, author of the introduction and commentary A. Mukhtorov. Contains 2 volumes./ M.Hakimkhan. - Dushanbe, 1983.-368 p.-1V.
8. Hakimkhan, Muhammad. Muntahab-ut-Tawrih / Presenter, author of the introduction and commentary A. Mukhtorov. Contains 2 volumes./ M.Hakimkhan. - Dushanbe, 1985.-544 p.-2 V.
9. Hakimkhon, Muntakhab-ut-tawrikh.The first volume. Corrected by Ya. Kawahara and K. Honeda. Institute for the Study of Asian and African Cultures and Languages. -Tokyo,2009.-666 p.